# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорони оянда фанни технология (таълими меҳнат)» аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ пешниҳод шудааст

Тайёр намудани омӯзгорони баландихтисос ва ҷавобгӯ ба талаботи муосир аз ҷониби Ҳукумати мамлакат, кормандони соҳаи маориф, олимон ва мутахассисони мамлакат дар ҷои аввал қарор дорад ва дар ҳалли муаммои мазкур накши асосиро донишгоҳҳои олӣ мебозад. Ташаккул додани қобилияти истифодабарии технологияи муосир донишҷӯёни ихтисоси технология (таълими меҳнат) дар машғулиятҳои назариявию амалӣ, ки ба мукаммал гардонидани дониш, маҳорат ва малакаи онҳо таъсири мусбӣ расонида ба беҳтар шудани сифати таълим ва тарбияи салоҳиятнокии оянда асос мегузорад, масъалаи мубрами рӯз ба ҳисоб меравад.

Рисолаи мазкур ба омода намудани омӯзгорони оянда технология (таълми меҳнат) бо истифода аз имконоти технологияи муосир бахшида шуда дар он масъалаҳои зерин баррасӣ гардидаанд:

- дар сатҳи азхудкунии фанҳои таълимӣ яъне, муттаҳид кардани мафҳумҳои шабеҳият (умумӣ), интиқоли мутақобилаи хусусиятҳои хоси курси мактабии технологияи иттилоотӣ ва технологияи касбӣ;
- дар сатҳи ҷанбаи методологӣ: сохторбандии мундариҷаи таълими конвергентии технологияи иттилоотӣ ва технологияи касбӣ: (таҳия ва омодасозии барномаи корӣ, банақшагирии тақвими мавзуъ, таҳияи низоми супоришҳои тестӣ, корҳои лоиҳавӣ ва ғ.);
- истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар раванди таълим (низоми-фаъолият, ба шахс нигаронидашуда, лоиҳакашӣ, таҳқиқоти дастаҷамъӣ, истифодаи фаъоли ТИИ дар таълим ва ғ.), азхудкунии донишҳои системавӣ, рушди тафаккури системавӣ ва фаъолияти амалӣ;

- дар сатҳи ҷанбаъҳои барномавӣ-технологӣ: дохил кардани мундариҷаи муносибати конвергентӣ ба фанни таълимии технология ва информатика воситаҳои барномавии татбиқию амалӣ, ки ҳамчун объекти омӯзиши воситаи таълим истифода мешаванд.

Аз рӯи натиҷаҳои ҳосилгардида метавон қайд кард, ки диссертатсияи Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич таҳти унвони «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат)» таҳқиқоти ба анҷомрасонида ба ҳисоб рафта, ҷавобгӯи ба талаботи Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ арзанда аст.

**Тақриздиҳанда:**

Мудири кафедраи “Методикаи таълими физика

ва технология маводҳо”-и Муассисаи давлатии

таълимии«Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи

Абуабдулоҳи Рудакӣ», доктори фалсафа PhD

(аз рӯйи ихтисоси физика): Парвинаи Усмони Сафарзода

Имзои Парвинаи У.С.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии

«Донишгоҳи давлатии Кӯлоб

ба номи Абуабдулоҳи Рудакӣ» Амиров Ф.А.

14.02.2023